**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

**«Тасдиқ менамоям»**

**Ректори ДДТТ, д.и.и., профессор**

**_________________Фақеров Ҳ.Н.**
**«___» __________ соли 2017**

# НИЗОМНОМА ОИД БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ ДАР МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

**Душанбе - 2017**

Бо қарори Шӯрои олимони
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
аз ___ ________ соли2017,
№___ тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ ДАР МАГИСТРАТУРАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи таҷрибаомӯзӣ дар магистратураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (минбаъд: Низомнома) талаботи умумӣ оид ба ташкили таҷрибаомӯзӣ дар зинаи магистратураро аз рӯи ҳама барномаҳои омода намудани магистрантон муқаррар месозад. Талаботи Низомномаи мазкур барои магистрантон аз рӯи тамоми самти омода намудани онҳо ва ҳайати профессорону омӯзгорон ҳатмӣ буда, омодагии магистрантонро аз рӯи барномаи таълимии интихобнамудаашон таъмин мекунад.

1.2. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, № 1004 «Дар бораи маориф»;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 маи соли 2009,. № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри 2007, № 650 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи магистратура ” (тағйироту иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.02.2016, № 66)»;
- қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2017, №14/13 дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба таҷрибаомӯзи дар магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ва илм.

## II. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА ТАҶРИБАОМӮЗӢ

2.1. Тачрибаомӯзӣ як ҷузъи муҳими раванди таълим аз рӯи барномаи тайёр намудани магистрҳо ба шумор меравад. Тачрибаомӯзӣ ба накшаи инфиродӣ ворид карда мешавад. Дар ин маврид магистрант уҳдадор аст, ки қабл аз баромадан ба таҷрибаомӯзӣ ҳадди ақалли

фанҳои назариявии заминавии барои иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ муҳимро аз худ намояд.

2.2. Давомнокии таҷрибаомӯзӣ бо кредитҳо ифода карда шуда, натиҷаи таҷрибаомӯзии магистрант ҳангоми ҳисоби GPA барои аз курс ба курс гузаронидани онҳо ба эътибор гирифта мешавад.

2.3. Таҷрибаомӯзӣ мутобиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи таҷрибаомӯзии тасдиқкардашуда гузаронида шуда, бо тартиб додани ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва ҳимояи он ба анҷом мерасад. Барномаи таҷрибаомӯзӣ дар кафедра таҳия карда мешавад. Таҷрибаомӯзӣ дар ҷараёни таълими назариявии фанҳо бе ҷудошавӣ аз раванди таълим дар асоси фармоиш дар бораи баромадани магистрантон ба таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад. Замони таҷрибаомӯзӣ ва давомнокии онро нақшаи таълимии ихтисоси дахлдор муқаррар месозад.

2.4. Роҳбари кори илмӣ-таҳқиқотии магистрант дар як вақт роҳбари таҷрибаомӯзии ӯ мебошад.

2.5. Давомнокии барасмиятдарории ҳисоботи магистрӣ 1 ҳафта баъд аз анҷоми тарҷибаомӯзиро ташкил медиҳад. Ҳисобот дар бораи таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ба роҳбари тарҷибаомӯзӣ ҷиҳати таҳлилу назорат пешниҳод карда мешавад. Роҳбар муқаррар мекунад, ки магистрант то чӣ андоза ба таври пурра ва васеъ доираи масъалаҳоеро, ки дар барномаи инфиродии таҷрибаомӯзӣ муайян карда шудаанд, аз худ намудааст.

2.6. Натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар ҷаласаи васеи кафедра баррасӣ карда мешаванд. Ҳимояи ҳисобот дар бораи тарҷибаомӯзӣ муқаррар намудани доираи фаҳмиш ва хулосаҳои мустақилона, инчунин пешниҳодҳои магистрантро пешбинӣ менамояд.

2.7. Натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ дар ведомости имтиҳонӣ, дафтарчаи имтиҳонот ва транскрипти магистрант дарҷ карда мешаванд. Маводи таҷрибаомӯзӣ дар кафедра нигоҳ дошта шуда, баъд аз хатми магистрант мутобиқ ба феҳрист ба бойгонӣ супурда мешаванд.

2.8. Заминаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ метавонад муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳо бошанд.

2.9. Магистрантоне, ки аз таҷрибаомӯзӣ нагузашта, дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ насупурдаанд ва ё ҳисоботро ҳимоя накардаанд, ҳамчун қарздори академӣ ҳисобида мешаванд.

## III. НАМУДҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

3.1. Барномаи таълимии магистратура ду намуди таҷрибаомӯзӣ – илмӣ-педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро дар бар гирифта, онҳоро як омӯзгор роҳбарӣ мекунад. Ҳар як намуди таҷрибаомӯзӣ вазифа ва ҷойи худро дар раванди тайёр кардани магистрантон аз рӯи ихтисоси муайян соҳиб буда, шаклҳои гуногуни баҳодиҳӣ ба фаъолияти магистрантонро дар бар мегирад.

3.1 Таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ

3.1.1. Ҳадафҳои асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ аз инҳо иборатанд:

- ташаккули маҳорати педагогӣ, аз худ намудани технологияҳои педагогии таълими фанҳо, асосҳои корҳои таҷрибавӣ;

- ташаккули усулҳои эҷодию таҳқиқотӣ ба фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ.

3.1.2. Вазифаҳое, ки дар назди магистрантон ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ гузошта мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- шиносоӣ бо асосҳои фаъолияти педагогии омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ;

- рушди маҳорати касбӣ ва қобилиятҳои таълим додани фанҳо;

- аз худ намудани методикаи таълим ва татбиқи он дар фаъолияти амалӣ.

3.1.3. Мундариҷаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ дар барномаи он муайян карда шуда, талаботи асосиро ба магистрант аз рӯи самтҳои асосии фаъолияти педагогӣ дар бар мегирад:

- дар фаъолияти таълимӣ: маҳорати истифодаи принсипҳои дидактикии таълимӣ дар амалия, муайян намудани намуд, шакл, мақсад ва вазифаҳои машғулияти таълимӣ (лексия, семинар ва ғ.), интихоби маводи таълимӣ ва банақшагирии сохтори мантиқии он, шиносоӣ бо шаклҳои гуногуни ташкили таълим, гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, бозиҳои таълимӣ, конфронсҳо, дарсҳои инфиродӣ, факултативӣ ва ғайра;

- дар ташкили корҳои тарбиявӣ: шиносоӣ бо кори сарпараст (куратор)-и гурӯҳи академии донишҷӯён, тавассути истифода аз методҳои педагогӣ-психологӣ омӯхтани хусусиятҳои фардии донишҷӯён, корҳои инфиродӣ бо онҳо ва ғайра.

3.1.4. Пеш аз оғози таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ кафедраи пешбар дар назди магистрантон оид ба таҷрибаомӯзӣ ва усули гузаронидани он вазифаҳо гузошта, бо онҳо машғулиятҳои машваратӣ мегузаронад.

3.1.5. Ҳар магистранти таҷрибаомӯз дар якҷоягӣ бо роҳбари худ нақшаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогиро таҳия менамояд, ки он аз тарафи мудири кафедра тасдиқ карда мешавад. Дар асоси он магистрант машғулиятҳо гузаронида, дар рафти баррасӣ ва таҳлили машғулиятҳо гузаронида ширкат меварзад, ҳуҷҷатҳои барои ҳисобот заруриро таҳия намуда, дар шакли хаттӣ ҳисобот менависад. Дар ҳисобот мундариҷаи корҳои иҷронамудаи магистрант шарҳу тафсир ёфта, сифати он таҳлил меёбад, хулоса оид ба дараҷаи омодагии назариявию амалӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогии магистрант дода мешавад ва барои такмили минбаъдаи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ пешниҳодҳо дарҷ мегарданд.

3.1.6. Шаклҳои гузаронидани таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ инҳоянд:

- ширкат дар гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ба сифати ассистент. Магистрант дар кори тайёр намудани муаррифномаҳо, гузаронидани лексия оид ба масъалаҳои алоҳида дар доираи мавзӯе, ки роҳбари илмӣ муқаррар намудааст, иштирок мекунад;

- таҳия (тартиб додани нақшаи дарс) ва гузаронидани силсила (модул)-и машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, бозиҳои таълимӣ, конфронсҳо, дарсҳои инфиродӣ, факултативӣ ва ғайра аз рӯи фанҳои мутобиқ ба ихтисоси магистрант;

- навиштани тақризҳо ба кори курсӣ ва рефератҳои донишҷӯёни зинаи таҳсили бакалавриат аз рӯи мавзӯъҳои соҳаи омодакунии магистрант.

3.1.7. Маводе, ки дар давраи таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ омода карда мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- муаррифномаи лексияҳо;

- матни лексияҳо;

- нақшаи машғулиятҳои амалӣ, семинарӣ ва лабораторӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод, корҳои мустақилонаи донишҷӯён ва шаклҳои дигари машғулиятҳои аудиторӣ ва мустақилона;

- тақриз ба корҳои курсии донишҷӯён, рефератҳои онҳо ва ғ.

3.1.8. Аз рӯи натиҷаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ магистрант ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ таҳия намуда, онро дар кафедра ҳимоя мекунад.

3.2. Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ

3.2.1. Мақсади асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ ташаккули маҳорати фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии магистрантон, ба даст овардани таҷриба ва малака аз ҷониби онҳо барои омодагии мустақилонаи назариявӣ ва инфиродикунонии раванди таълим мебошад.

3.2.2. Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ инҳоянд:

- омӯзиши адабиёти бунёдӣ ва даврӣ, маводи меъёрӣ ва методӣ оид ба масъалаҳое, ки магистрант дар рисолаи тахассусии хатм (рисолаи магистрӣ) коркард менамояд;

- тасдиқи муҳимият ва аҳамияти амалии мавзӯи таҳқиқотии интихобнамудаи магистрант;

- таҳлили интиқодии объекти таҳқиқот, баҳодиҳӣ ба аҳамияти амалии масъалаҳои таҳқиқшавада оид ба объекти мазкур;

- ҷамъоварӣ, танзим ва хулосаи маводи амалӣ барои истифода дар таҳияи рисолаи магистрӣ;

- омода намудани фишурдаи маърӯза ба конфронсҳо ё мақола барои нашр кардан.

3.2.3. Мундариҷаи таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ дар барномаи инфиродии таҷрибаомӯзӣ, ки магистрант якҷоя ба роҳбари худ таҳия намудааст, муайян карда шуда, дар кафедра тасдиқ мегардад. Барнома бояд дар доираи мавзӯи рисолаи магистрӣ бошад. Барнома аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ, ташкилоти дигар ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ пешниҳод карда шуда, магистрант бояд ҷадвали

гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои таҷрибаомӯзро бо он мутобиқ намояд ва оид ба техникаи бехатарӣ, маҳфуз доштани сирри тиҷоратӣ машварат гирад.

3.2.4. Таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ метавонад дар шаклҳои зерин гузаронида шавад:

- дар гурӯҳи магистрӣ, ки метавонад магистрантони курсҳои мухталифро муттаҳид намояд. Чунин гурӯҳҳо дар доираи як масъалаи илмӣ-таҳқиқотие муттаҳид мешаванд, ки он ба мавзӯи илмии кафедра марбут аст. Роҳбари гурӯҳ метавонад омӯзгор ё корманди кафедра бошад, ки мавзӯи таҳқиқотии гурӯҳ ба масъалаҳои таҳқиқоти ӯ наздик аст. Самаранокии чунин шакли таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ бо чунин омилҳо таъмин карда мешавад: баҳисобгирии имкониятҳои фардии маърифатӣ ва таҳқиқотии ҳар як магистрант; муҳиммияти масъалаи интихобшуда барои кори гурӯҳ; назорат ва баҳисобгирии қатъии ширкати ҳар як магистрант дар фаъолияти гурӯҳӣ; дар охири ҳар як соли таҳсил вобаста аз мақсадҳои гузошташуда ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас, ки дар шакли тезис, лоиҳаҳои муштарак, грантҳо, маводи тафсилӣ ва ғайра ифода ёфта тавонанд;

- дар шакли ворид намудани магристрантон ба гурӯҳҳои илмӣ-таҳқиқотии ҳайати омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ. Роҳбари таҷрибаомӯзии илмии магистрантон дар ин маврид метавонад ҳамчун аъзо ба гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ворид шуда, дар назди магистрантон вазифаҳои мушаххаси таҳқиқотӣ гузорад ва рафти иҷрои онҳоро назорат кунад. Дар ин шакли таҷрибаомӯзӣ мунтазам байни роҳбарон ва магистрантон мубодилаи иттилоот сурат гирифта, он барои ба таври дуруст ва дақиқ фаҳмидани иҷрои вазифаҳои дар назди худ гузоштаи магистрант, инчунин фаҳмиши накши мушаххаси ӯ дар ҳолатҳои мухталиф мусоидат мекунад (чунин мубодилаи иттилоот метавонад дар рӯз ва соатҳои мушаххаси муқарраргардида ё дар чараёни фаъолияти якҷоя ба амал бароварда шавад). Инчунин, дар чунин шакл роҳбар ба таври доимӣ ҷараёни ташаккули касбии магистрантро назорат мекунад. Дар асоси натиҷаҳои чунин шакли таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ магистрант метавонад рисолаи хатмро анҷом диҳад.

3.2.5. Аз рӯи натиҷаҳои таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ магистрант ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ таҳия намуда, онро дар кафедра ҳимоя мекунад.

## IV. БАРАСМИЯТДАРОРӢ ВА ҲИМОЯИ ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҶРИБАОМӮЗИИ ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ ВА ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ

4.1. Ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бояд қисматҳои зеринро дар бар гирад:

- варақаи унвонӣ (титулӣ) - талабот барои ба расмиятдарории варақаи титулии ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ бояд ба талабот ба таҳияи корҳои курсӣ мутобиқат намояд;

- қисмати тавсифии таҷрибаомӯзӣ, ки аз муқаддима (дар он магистрант мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзиро мутобиқ ба барномаи таҷрибаомӯзӣ нишон медиҳад), тавсифи макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, ҷадвали тақвимии таҷрибаомӯзӣ, тавсифи вазифаҳои инфиродии анҷомдодаи магистрант ва хулоса (хулоса ва пешниҳодҳо оид ба ташкили таҷрибаомӯзӣ) иборат аст;

- маводе, ки дар давоми таҷрибаомӯзӣ таҳия гардидаанд.

4.2. Ҳимояи ҳисоботҳо оид ба таҷрибаомӯзии илмӣ-педагогӣ ва таҷрибаомӯзии илмӣ-таҳқиқотӣ тибқи ҷадвали нақшаи таълимӣ гузаронида мешавад. Магистранте, ки барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро накарда, аз он баҳои имтиҳон (ё санҷиш)-ро нагирифтааст, ба таври такрорӣ дар шакли инфиродӣ бе ҷудо шудан аз раванди таълим ба таҷрибаомӯзӣ фиристода мешавад. Магистранте, ки ба таври такрорӣ низ талаботи барномаи таҷрибаомӯзиро иҷро намекунад ва такроран аз он баҳои имтиҳон (ё санҷиш)-ро намегирад, тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ва низомномаҳои амалкунанда дар бораи назорати ҷории раванди таълим ва аттестатсияву санҷишҳои фосилавӣ ҳамчун қарздори академӣ аз магистратура хориҷ карда мешавад.